Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2015, №526 тасдиқ шудааст
Эзоҳ: шакли аслии Низомнома аз мақоми ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон дастрас карда шавад, зери ин лоиҳа буда, ҳамчун кори муаллифӣ оварда шудааст.

Лоиҳа

# НИЗОМНОМАИ
## дар бораи Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи мазкур салоҳият, тартиби ташкил ва фаъолияти Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Шӯро)-ро, ки мақоми доимоамалкунандаи машваратӣ мебошад, муайян менамояд.
2. Шӯро бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаю ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.
3. Шӯро дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Низомномаи мазку рва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳаро ба роҳбарӣ мегирад.
4. Низомнома ва ҳайати Шӯроро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

### 2. Вазифаҳои асосии Шӯро

5. Вазифаҳои асосии Шӯро аз инҳо иборатанд:
– ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани маълумоти васеъ оид ба масъалаҳои марбут ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар ва хориҷ аз он;
– таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳаи ҷавонон;
– баррасии масъалаҳои марбут ба татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон ва қабули қарорҳои дахлдор вобаста ба рушди он;
– таҳлили вазъият дар байни ҷавонон ва андешидани тадбирҳо вобаста ба бартараф сохтани мушкилоти мавҷуда;
– омода намудани таклифҳо оид ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон;

– анҷом додани корҳои ҳамоҳангсозӣ ва машваратӣ ба мақомоти марказӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ барои фаъолияти пурсамар дар самти кор бо ҷавонон;

– тибқи тартиби муқарраргардида ҷалби намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ барои ҳамкорӣ дар самти рушди сиёсати ҷавонон, аз ҷумла ҳал намудани масъалаҳои мубрами ҳаётии ҷавонон;

– пешниҳод намудани хулоса оид ба таъсиси муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон;

– иҷрои дигар вазифаҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6. Шӯро аз 46 нафар, аз ҷумла Раис, котиб, муовини аввал, муовин ва аъзоёни Шӯро иборат буда, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

7. Шӯро аз ҳисоби роҳбарони воҳидҳои сохтории алоқаманди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе ва ташкилотҳои ҷамъиятии кор бо ҷавонон ташкил карда мешавад.

## 3. Ваколатҳои Раиси Шӯро

8. Ваколатҳои Раиси Шӯро иборатанд аз:

– тасдиқи Низомномаи Шӯро;

– тасдиқи ҳайати Шӯро;

– даъват ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯро;

– тасдиқи нақшаҳои кори Шӯро;

– шунидани ҳисоботи аъзои Шӯро ва дигар ниҳодҳои дахлдор аз натиҷаи тадбирҳои андешида ва вазъияти ҷорӣ вобаста ба татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон, бахусус оид ба ҷараёни амалигардонии Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои Шӯро;

– ҳамоҳанг сохтани фаъолияти субъектҳои мусоидаткунанда ба татбиқи сиёсати ҷавонон, аз ҷумла институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ;

– таъсиси шӯроҳо ва гурӯҳҳои коршиносон (экспертӣ) оид ба таҳлилу омӯзиш ва интишори гузоришҳо оид ба татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон ва беҳдошти вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷавонон;

– иҷрои ваколатҳои дигаре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

## 4. Котиботи Шӯро

9. Барои ҳалли масъалаҳои ҷории фаъолият Котиботи Шӯро, ки онро муовини Раиси Шӯро сарварӣ менамояд, таъсис дода мешавад.

10. Ҳайати Котиботи Шӯро аз ҳисоби муовини Раиси Шӯро ва роҳбарияти мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ташкил гардида, он аз ҷониби Раиси Шӯро тасдиқ карда мешавад.

11. Таъминоти моддию техникии Котибот ба зиммаи мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон гузошта мешавад.

12. Ваколатҳои Котиботи Шӯро:

– гузаронидани маҷлисҳои Котиботи Шӯро;

– пешниҳоди масъалаҳо барои баррасӣ дар маҷлисҳои Шӯро;

– назорати ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯро ва нақшаҳои кори Шӯро;

– пеш бурдани коргузорӣ ва ҳуҷҷатгузории фаъолияти Шӯро;

– омода намудани маълумот оид ба натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии ҳолати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ба анҷом расонидани тамоми масъалаҳои ташкилии кори Шӯро;

– тартиб додани лоиҳаҳои нақшаҳои корӣ ва барои мувофиқа ба аъзои Шӯро ва дигар ташкилотҳои дахлдор пешниҳод намудани онҳо;

– таҳия ва барои имзо ба Раиси Шӯро пешниҳод намудани қарорҳои қабулнамудаи Шӯро;

– роҳбарӣ ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти гурӯҳҳои экспертию машваратӣ ва гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба масъалаҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии пешниҳодҳои гурӯҳҳои экспертию машваратӣ ва гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба масъалаҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– иҷрои дигар супоришҳои Раиси Шӯро.

## 5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзои Шӯро

13. Аъзои Шӯро ҳуқуқ доранд:

– барои нақшаи кори Шӯро таклифҳо пешниҳод намоянд;

– тавсияҳо ва пешниҳодоти худро нисбат ба қарорҳои баррасишавандаи Шӯро иброз намоянд;

– ба рӯзномаи ҷаласаи Шӯро таклифҳо пешниҳод намоянд.

14. Аъзои Шӯро ӯҳдадор мебошад:

– дар доираи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур амал намоянд;

– дар ҷаласаҳои Шӯро ва иҷрои дигар вазифаҳои Шӯро фаъолона ширкат варзанд;

– иҷрои саривақтии нақшаи кори Шӯро ва вазифаҳои аз ҷониби Раиси Шӯро гузошташударо таъмин намоянд;

– мутобиқи нақшаи кори Шӯро оид ба фаъолияти вазорат, идора ва ташкилоту муассисаҳое, ки онҳо намояндагӣ мекунанд, гузориши таҳлилӣ омода намоянд;

– барои ворид намудан ба нақшаи кори Шӯро таклифҳо пешниҳод намоянд;

– иҷрои тамоми дастуру супоришҳои Раиси Шӯроро таъмин намоянд;

– манфиатҳои Шӯроро ҳифз ва таъмин намуда, онҳоро дар байни аҳли ҷомеа талқин намоянд.

## 6. Ташкили кори Шӯро

15. Мақоми кори Шӯро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон мебошад, ки ташкили кори Шӯроро ба амал мебароранд.

16. Маҷлисҳои Шӯро дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Раиси Шӯро, вале на камтар аз як маротиба дар шаш моҳ баргузор мегарданд. Ҷаласаҳои Шӯро дар сурати ширкат доштани на камтар аз се як ҳиссаи ҳайати он эътибор пайдо мекунанд. Қарорҳои Шӯро оид ба масъалаҳои баррасишаванда бо аксарияти овозҳо аз микдори ҳайати иштироккунанда дар шакли суратмаҷлис қабул карда мешаванд.

17. Сана, вақти баргузорӣ ва рӯзномаи маҷлисҳо аз ҷониби Раиси Шӯро бо дарназардошти пешниҳодҳои аъзои Шӯро муайян карда мешавад;

18. Маҷлиси Шӯро дар сурати иштироки аз се як ҳиссаи аъзои Шӯро гузаронида мешавад.

19. Қарорҳои Шӯро бо овоздиҳии кушодаи аксарияти аъзоёни Шӯро қабулшуда ба ҳисоб меравaнд.

20. Қарорҳои Шӯро бо суратҷаласа тартиб дода шуда, иҷрои он аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва идоракунӣ ҳатмӣ мебошад.

21. Дар кори Шӯро бо ҳуқуқи машваратӣ мумкин аст, ки намояндагони мақомоти қонунгузор, судӣ ва прокуратура иштирок намоянд.

22. Шӯро мутобиқи вазифаҳои асосии ба зиммааш гузошташуда аз ҳисоби аъзои Шӯро, ҳамчунин аз ҳисоби намояндагони ташкилоту

муассисаҳои ба ҳайати Шӯро дохилнашуда гурӯҳҳои кориро оид ба самтҳои фаъолияти худ таъсис медиҳад.

23. Лоиҳаи ҳуҷҷатҳо оид ба масъалае, ки дар ҷаласаи Шӯро баррасӣ мегардад, аз тарафи вазорат, идора, ташкилот ва ё муассисаи дахлдор, ки бо ташаббуси он масъалаи мазкур пешниҳод гардидааст, ё гурӯҳи кории бо ин мақсад ташкилёфта, таҳия карда мешаванд.

24. Шӯрои маҳаллии кор бо ҷавонон дар назди раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо таъсис дода мешавад.

25. Шӯрои маҳаллии кор бо ҷавонон дар назди раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо мақсаду вазифаҳои Шӯроро дар маҳал татбиқ намуда, оид ба фаъолияташон ба котиботи Шӯро ҳар семоҳа ахбороти муфассал пешниҳод менамоянд.